# ТАҚРИЗ

**ба авторефертаи диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

Диссертатсияи Аслонова Гулрухсор Наимҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба таҳқиқи муқоисавии яке аз навъҳои серистеъмол ва сершумори воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ – фразеологизмҳои исмӣ бахшида шудааст. Ҳарчанд дар забоншиносии муосир оид ба масъалаи навъҳои луғавӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологӣ таҳқиқоти мухталиф мавҷуд бошад ҳам, аммо диссертант бо таҳқиқи амиқи навъи исмии он ба ин масъала равшанӣ андохта, дар такя ба назарияи муҳаққиқон маълумотро оиди муқоисаи воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мукаммал мегардонад.

Дар мавриди аҳамият ва мубрамии мавзуи таҳқиқи Аслонова Г. қайд кардан зарур аст, ки воҳидҳои фразеологӣ қабати махсуси таркиби луғавии забон маҳсуб ёфта, дорои сохтор, таркиб ва маънои устуворгашта мебошанд ва илова бар ин, онҳо таҷассумкунандаи маданият ва анъанаву одатҳо мебошанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи онҳо аз нигоҳи муқоиса натанҳо ба муайян намудани монандиву тафовути забонҳои муқоисашаванда нигаронида шудааст, инчунин, ба ифшои то чи андоза ба ҳам наздик ё дур будани тафаккури иҷтимоии халқҳои соҳибони забон равона шудааст.

Дар диссертатсия зикр мегардад, ки масъалаҳои назарии фразеологияи забонҳои тоҷикиву англисӣ, асосан, аз нимаи дуюми садаи гузашта оғоз шудааст. Дар асарҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ масъалаҳои мухталифи фразеология таҳқиқ гардидаанд, ки дар рушд ва омӯзиши минбаъдаи он мусоидат намудаанд. Аз ҷумла, дар навиштаҳои олимони забонишинос А.В.Кунин ва Ҳ.Маҷидов масоили кулли низоми забонҳои муқоисашаванда таҳқиқ гаштаанд. Маҳз дар асарҳои олимони номбурда қисман навъи исмии воҳидҳои фразеологӣ баррасӣ шудаанд. Сабаби интихоби мавзуи мазкур мавҷуд набудани таҳқиқоти махсус дар масъалаи таҳлили хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Зимни омӯзиши мавзуи мавриди назар унвонҷӯ мақсад мегузорад, ки монандӣ ва тафовути сохториву грамматикӣ ва луғавию маънои

воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисиро муайян намояд. Ҳамин тавр, як қатор вазифаҳо ба миён гузошта мешаванд, ки муҳаққиқ зимни баррасии мавзуъ онҳоро амалӣ менамояд. Аз ҷумла, омӯзиши аломатҳои асосии ВФ ва дар ин замина муайян намудани ҳудуди байни воҳидҳои фразеологӣ ва ибораҳои озод, қолаббандии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашаванда, таҳлили морфологии унсурҳои таркибии онҳо, муайян намудани унсурҳои меҳвариву тобеъ ва ошкор кардани қолабҳои умумиву хоси воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикиву англисӣ, таъйини тафовути муродифоту гунаҳои фразеологӣ ва намудҳои онҳо, муқаррар кардани муродифоту мутазодҳои дохилизабонӣ ва байнизабонӣ, таснифи муродифҳои байнизабонӣ ва таҳлили маъноии онҳо.

Аслонова Г. ҳангоми баррасии мавзуи зикргардида ба пажӯҳишҳои забоншиносони ватаниву хориҷӣ такя намуда, асосҳои назариявии таҳқиқоташро ба навиштаҳои Ш.Балли, В.В. Виноградов, С.И. Ожегов, А.И. Смирнитский, Н.Н. Амосова, А.В. Кунин, Л.П. Смит, А.Мирзоев, Т.Д. Тоҷиев, Н. Маъсумӣ, М.Ф. Фозилов, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов ва М.Н. Азимова марбут медонад.

Диссертатсияи мазкур, ки нахустин таҳқиқоти мукаммал оиди воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад, маълумот ва таҳлилу хулосабарориҳои муҳимро фаро гирифта, аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Аз ҷумла, натиҷаи таҳлилу баррасии мавзуи мавриди назар дар омӯзиши масоили гуногуни забоншиносии муқоисавӣ, дар қироати лексияҳо аз курси махсуси фразеология ва таҳияи фарҳангҳои фразеологӣ метавонад истифода шавад.

Саҳми шахсии довталаби илмӣ дар таҳқиқи мавзуи мазкур дар он ифода меёбад, ки дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқ – аз гирд овардани маводи амалӣ, омӯзиши адабиёти назарӣ то таҳлилу баррасии онҳо мустақилона, бевосита иштирок карда, хосиятҳои мутафовити воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои муқоисашавандаро ошкор намудааст.

Мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат намуда, мақолаҳои нашршудаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо мухтаво ва мундариҷаи асосии мавзуи диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Аслонова Г.Н. аз муқаддима се боб, фаслу зерфаслҳои мантиқан пайдарҳам ва мураттаб, хулоса ва феҳристи манобеи илмию амалӣ иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тамоми бандҳои муқарраршуда шуруъ аз мубрамӣ ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқ то сохтор ва ҳаҷми рисола шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявии таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносӣ», ба таърихи омӯзиши фразеология бахшида шуда, пайдоиш, инкишоф ва масъалаҳои назариявии фразеологияи муосирро дар бар мегирад. Дар боби мазкур, натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии забоншиносони ватаниву хориҷӣ таҳлилу баррасӣ гашта, масоили ҳалнагардидаи он пеш гузошта шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия – «Таҳлили сохторию грамматикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои муқоисашаванда» ба таҳлил ва муайян кардани хусусиятҳои сохторӣ-грамматикии воҳидҳои фразеологии исмӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили намунаҳои ибораҳои устувори забонҳои тоҷикиву англисӣ онҳоро аз рӯйи сохтор ба воҳидҳои фразеологии исмии дуҷузъа ва бисёрҷузъа гурӯҳбандӣ карда, қолабҳои сохтории онҳо тартиб дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия – «Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», таҳлили луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии исмии забонҳои зикргардидаро фарогир аст. Дар ин ҷо, паҳлуҳои мухталифи баррасии луғавӣ семантикӣ ба монанди воҳидҳои фразеологии исмии аслӣ, иқтибосӣ, сермаъноӣ, муродифшавиву мутазодшавӣ ва воҳидҳои фразеологии исмии маҷозии забонҳои муқоисашаванда омӯхтаву таҳлил гаштаанд.

Натиҷаи таҳлилу омӯзишҳои мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар хулосаи рисола ҷамбаст гардидааст.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шаш банд оварда шудаанд, дуруст ва қобили қабуланд.

Хулосаҳои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки бо 3 забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар хотимаи фишурдаи рисола оварда шудаанд, мувофиқ ба муқаррароти  ҷоррии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос менамояд.

Рисола бо вуҷуди дар сатҳи баланд иншо гардиданаш дар баъзе саҳифаҳои автореферат нуқсонҳо ба назар расиданд:

1. Навъҳои гунанокии воҳидҳои фразеологии исмӣ муайян гардида бо мисолҳо асоснок шудаанд, аммо мушаххасан кадом гуна ба ҳар ду забон ва ё ба яке аз забонҳои муқоисашаванда хос буданашон зикр нагардидааст.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, ва аломати китобӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ гаштани онҳо ба беҳбудии кор хоҳад буд [3, 4, 22, 42,].

Ин камбудиҳои ҷузъӣ ва зуд бартарафшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро коста намесозанд.

Хулоса, диссертатсияи Аслонова Гулрухсор дар мавзуи «Хусусиятҳои типологии воҳидҳои фразеологии исмӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» кори таҳқиқотии пурмуҳтаво, арзишманд ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

**Муқарризи ғайрирасмӣ:**
Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ — Мухторов Зайнидин Мухторович

**Суроғаи муқарризи ғайрирасмӣ**:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
E-mail: mukhtorov67@mail.com
Тел.: (+992) 907801822